السنّة النبوية وعلومها
www.sunnah.global

# Ҳама чиз вобаста ба тақдир аст, ҳатто оҷизию нотавонӣ ва зиракию ҳӯшёрӣ

Аз Товус ривоят аст, ки гуфт: мардумоне аз ёрони Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод)-ро дидем, ки мегуфтанд: ҳама чиз вобастагӣ ба тақдир дорад. Мегӯяд: Абдуллоҳ ибни Умарро (Худованд аз он ду розӣ бод) шунидам, ки мегуфт: Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) фармуданд: "Ҳама чиз вобаста ба тақдир аст, ҳатто оҷизию нотавонӣ ва зиракию ҳӯшёрӣ".

[صحيح] [رواه مسلم]

Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) баён намуданд, ки ҳама чиз марбут ба тақдир аст, ҳатто аҷз ва нотавонӣ, ки иборат аст аз: тарк кардани коре, ки бояд анҷом дода шавад ва ба таъхир андохтани он аз вақташ дар корҳои дунё ва охират. Ҳамчунин ҳушёрӣ ва зиракӣ, ки иборат аст аз: фаъолият ва маҳорат доштан дар корҳои дунё ва охират. Худованди Мутаъол тавон ва нотавонӣ ва дар умум ҳама чизро муқаддар намудааст, ҳеҷ чиз рух намедиҳад, магар инки илм ва машияти Худованд бар он навишта шудааст.

https://sunnah.global/hadeeth/tg/show/65039

النجاة الخيرية
ALNAJAT CHARITY
لجنة الدعوة الإلكترونية
EDC E-Da'wah Committee